# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуллозода Эмомали Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ).**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати мутахассисони соҳаи санъатшиносӣ – доктори илмҳои таърих, муовини раиси шурои муштараки диссертатсионӣ Додхудоева Л., номзади илмҳои санъатшиносӣ, узви шурои муштараки Назарова Л.А. ва доктори илмҳои педагогӣ, профессори соҳаи фарҳангшиносии татбиқӣ, узви шурои муштараки диссертатсионӣ Латифзода Д.Н. бо дарназардошти таҷрибаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва донишу малакаҳои амиқи назариявию амалии аъзоён, диссертатсияи пешниҳодшударо ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода, онро аз лиҳози мутобиқат ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда, дараҷаи навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва саҳми шахсии довталаб таҳлил намуд.

Дар ҷараёни экспертиза муайян гардид, ки диссертатсияи Абдуллозода Эмомали Асадулло ба таҳқиқи хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба манбаъҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии худ, доираи жанрии эҷодиёти композиторро таҳлил намуда, хусусиятҳои услубӣ, композитсионӣ ва драматургии асарҳои вокалӣ ва саҳнавии ӯро муайян кардааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ба рушду такмили илми мусиқишиносии тоҷик мусоидат намуда, ҷанбаҳои муҳимми эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯровро дар заминаи таҳлили илмӣ равшан месозад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, инчунин дар фаъолияти эҷодӣ ва иҷрокунандагии мусиқии касбӣ истифода шаванд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ бори нахуст мавриди таҳлили мукаммали илмӣ қарор гирифтааст (1); хусусиятҳои услубӣ ва композитсионии асарҳои ӯ ба таври низомнок муайян ва гурӯҳбандӣ шудаанд (2); саҳми композитор дар рушди мусиқии касбии тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ аз нигоҳи мусиқишиносӣ арзёбӣ гардидааст (3).

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат дошта, дорои мантиқи ягонаи дохилӣ ва сохтори муназзам мебошад. Натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро пурра инъикос менамоянд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқ бо шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) комилан мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқ дар 12 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ ва 8 мақола дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, маҷмуаи нотавии «Шуҳрат Ашӯров. Асарҳои вокалӣ», ки 29 асари вокалии якка ва хориро дар бар мегирад, барои чоп омода гардидааст. Ин натиҷаҳо ба талаботи бандҳои 34 ва 35 ҷавобгӯ мебошанд.

Дар диссертатсия ҳолатҳои истифодаи мавод бидуни ишора ба маъхаз ба назар намерасад, ки ин ба риоя шудани талаботи банди 37 далолат мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст гардида, ҷойгоҳ ва аҳаммияти эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров дар мусиқишиносии тоҷик, бахусус дар замони соҳибистиқлолӣ, муайян карда шудааст.

Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқ, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Абдуллозода Эмомали Асадулло кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Бо мақсади таъмини экспертизаи мустақил ва ҳамаҷонибаи диссертатсияи пешниҳодшуда ва мутобиқи талаботи бандҳои 67 ва 69-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, комиссияи экспертӣ масъалаи таъини муқарризони расмиро баррасӣ намуд.

Бо дарназардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи докторони илм дар соҳаи санъатшиносӣ маҳдуд буда, қисме аз мутахассисони дорои дараҷаи илмии мазкур бинобар сабабҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ (ишғоли вазифаи роҳбари илмӣ, раиси шуро, роҳбари муассиса ва ғайра) наметавонанд ба сифати муқарризи расмӣ ҷалб гарданд, комиссияи экспертӣ мувофиқи талаботи банди 69-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ имкони ҷалби мутахассиси соҳаи наздики илмиро мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо назардошти он ки фаъолияти илмӣ ва таҳқиқотии Ҳасанова Манзура Муҳидиновна – доктори илмҳои таърих, мусиқишинос, ходими калони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба масъалаҳои санъатшиносӣ, фарҳанг, мусиқӣ ва хоса мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда – таҳқиқи мусиқии композитории тоҷик иртибот дошта, таҷрибаи назарраси илмӣ дар соҳаи мусиқии суннатии тоҷикро инъикос менамояд, комиссияи экспертӣ ҷалби номбурдаро ба сифати муқарризи расмӣ мувофиқи талаботи бандҳои зикршуда аз рӯйи интишороти илмӣ мувофиқи мақсад донист.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдуллозода Эмомали Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

1. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқияшон ба ихтисоси ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Ҳасанова Манзура Муҳидиновна** – доктори илмҳои таърих, мусиқишинос, ходими калони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Худойбердиев Султоналӣ** – номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

2. Ба сифати муассисаи пешбар **Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон** пешниҳод карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Консерваторияи милллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои таърих, муовини
раиси шурои муштараки диссертатсионӣ — Додхудоева Лариса

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори
соҳаи фарҳангшиносии татбиқӣ — Латифзода Диловар Назришоҳ

номзади илмҳои санъатшиносӣ, узви
шурои муштараки диссертатсионӣ — Назарова Лариса Александровна

8-уми апрели соли 2026